# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи « Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 06 07 18 – Ботаника , шаҳри Хоруғ,2026 с.

1. **Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои рисолаи илмӣ ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом ба шиносномаи ихтисоси 6D060718 - Ботаника, ба бандҳои 1, 4, 8 ва 10 мувофиқат мекунад:

Банди 1. Масъалаҳои назариявии пайдоиш ва инкишофи олами наботот, гуногунӣ, таснифот ва номгӯӣ гурӯҳҳои гуногуни растаниҳо ва оилаи растаниҳо.

Банди 4. Масъалаҳои назариявӣ ва амалии паҳншавии географии организми растаниҳо, вижагиҳои паҳншавии муосир ва гузаштаи намудҳои растаниҳо ва наботот, ноҳиябандӣ ва харитакунонии растаниҳо ҳамчун яке аз захираҳои таҳдидшаванда.

Банди 8. Роҳҳо ва имкониятҳои истифодаи оқилона, устувор ва тамомнашавандаи истифодаи растаниҳои олами набототи табиӣ.

Банди 10. Масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи растаниҳо, пеш аз ҳама, захираҳои набототи табиӣ бо мақсадҳои амалӣ (доруӣ, ғизоӣ, техникӣ, хӯроки чорво, обёрикунӣ, ороишӣ ва ғайра).

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Мубрамияти мавзуъ дар он ифода меёбад, ки растаниҳои шаҳддор яке аз захираҳои муҳими табиӣ ба ҳисоб рафта, дар рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ, нигоҳдории гуногунии биологӣ ва таъмини мувозинати экологӣ нақши муҳим доранд. Дар солҳои охир зери таъсири омилҳои антропогенӣ, аз ҷумла, васеъ гардидани заминҳои кишоварзӣ, чаронидани аз ҳад зиёди чорво, буридани буттазорҳо, сӯхторҳои табиӣ, тағйирёбии иқлим, масоҳат ва таркиби намудии растаниҳои шаҳддор коҳиш ёфта истодааст.
Минтақаи Кӯлоб бо шароити гуногуни табиӣ ва иқлимии худ дорои захираи бойи растаниҳои шаҳддор мебошад. Аммо то имрӯз таркиби намудӣ, захираҳои онҳо, давраи гулкунӣ ва аҳамияти онҳо барои занбӯриасалпарварӣ пурра омӯхта нашудааст. Дар баробари ин, масъалаҳои ҳифз, барқарорсозӣ ва истифодаи оқилонаи ин захираҳои табиӣ аҳамияти махсус пайдо мекунанд.

Таҳқиқи захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб имкон медиҳад, ки имкониятҳои рушди устувори соҳаи занбӯриасалпарварӣ муайян гардида, истеҳсоли асали босифат афзоиш ёбад. Ҳамзамон, натиҷаҳои тадқиқот метавонанд барои таҳияи чорабиниҳои ҳифзи гуногунии биологӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва беҳтар намудани вазъи экологии минтақа заминаи илмӣ фароҳам оваранд.

Аз ин рӯ, омӯзиши захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, арзёбии ҳолати онҳо, таҳияи чораҳои ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, мубрамияти мавзуи интихобшударо асоснок менамояд.

**Дарачаи навгонии натичаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Дарачаи навгонии натичаҳо дар диссертатсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи « Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо» дар сатҳи баланди илмӣ таҳия гардида, ба талаботи корҳои диссертатсионӣ чавобгӯ мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки муаллиф бори аввал омӯзиши ҳамачонибаи таркиби намудӣ, хусусиятҳои экологию биологӣ, захираи табиӣ ва имконияти истифодаи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлобро анчом дода, натичаҳои нави илмиро ба даст овардааст. Аз чумла:

1. Бори аввал таркиби намудии растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб муайян гардида, мавчудияти 88 намуди растании шаҳддор, ки ба 69 авлод ва 24 оила мансуб мебошанд, муқаррар карда шуд.
2. Дар натичаи мониторинги саҳроӣ маълумотҳои нави илмӣ оид ба растаниҳои шаҳддори худрӯй ва киштшавандаи минтақа, хусусиятҳои паҳншавӣ, захираи биологӣ ва хусусиятҳои экологию биологии онҳо чамъоварӣ ва таҳлил гардиданд.
3. Бори аввал ноҳиябандии ботаникии растаниҳои шаҳддиҳандаи минтақаи Кӯлоб гузаронида шуда, қонуниятҳои паҳншавии онҳо вобаста ба шароити табиӣ ва экологӣ муайян карда шуданд.
4. Бори аввал усулҳои самараноки истифодаи захираҳои растаниҳои шаҳддиҳандаи минтақаи Кӯлоб таҳия гардида, барои ҳифз, барқарорсозӣ ва истифодаи оқилонаи онҳо тавсияҳои илмӣ-амалӣ пешниҳод карда шуданд.

**Муаллифи рисолаи диссертатсионӣ нуктаҳои илмии зеринро ба ҳимоя пешниҳод менамояд:**

1. Муайян карда шуд, ки гуногунии намудӣ, паҳншавӣ ва маҳсулнокии биологии растаниҳои шаҳддиҳандаи худрӯй ва киштшавандаи минтақаи Кӯлоб аз таъсири омилҳои муҳити зист, аз чумла релеф, иқлим, хок ва фаъолияти антропогенӣ вобастагии зич доранд.
2. Харитаи ноҳиябандии ботаникии растаниҳои шаҳддиҳандаи минтақа тартиб дода шуда, арзёбии захираи онҳо ва роҳҳои истифодаи оқилона дар рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ аз чиҳати илмӣ асоснок карда шуданд.
3. Роҳҳои устувори ҳифз, барқарорсозӣ ва истифодаи самараноки растаниҳои шаҳддиҳандаи минтақаи Кӯлоб муайян гардида, тавсияҳои амалӣ барои нигоҳдории гуногунии биологӣ ва рушди устувори соҳаи занбӯриасалпарварӣ пешниҳод карда шуданд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи усулҳои муосири ботаникӣ, геоботаникӣ, экологӣ ва мониторинги саҳроӣ, ҷамъоварии ҳаҷми кофии маводи илмӣ, таҳлили флораи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб ва коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот таъмин гардидааст. Дараҷаи асоснокии натиҷаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи « Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо» пешниҳодгардида дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шуда, ба талаботи корҳои диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад.

Хулосаҳои илмии пешниҳодшуда аз натиҷаҳои мустақими таҳқиқоти саҳроӣ ва таҳлилҳои экологию биологии гузаронидашуда бармеоянд ва вазъи воқеии захираи растаниҳои шаҳддори худрӯй ва киштшавандаи минтақаи Кӯлоб, қонуниятҳои паҳншавӣ, хусусиятҳои экологӣ ва имкониятҳои истифодаи оқилонаи онҳоро инъикос менамоянд.

Хулоса ва тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар диссертатсия оварда шудаанд:

1. Бо мақсади ҳифзи захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб зарур аст, ки дар мавзеъҳои асосии сабзиши онҳо чаронидани аз ҳад зиёди чорво маҳдуд гардида, ҷамъоварии бе низоми намудҳои арзишманди шаҳддор зери назорати доимӣ қарор дода шавад.
2. Барои нигоҳдорӣ ва барқарорсозии захираи растаниҳои шаҳддор тавсия дода мешавад, ки мониторинги мунтазами ҳолати популятсияҳои табиӣ, баҳодиҳии захираи онҳо ва тадбирҳои ҳифзи гуногунии биологӣ дар сатҳи минтақа амалӣ карда шаванд.
3. Бо мақсади баланд бардоштани маҳсулнокии соҳаи занбӯриасалпарварӣ ва таъмини манбаи устувори ҷамъоварии шаҳд, васеъ намудани кишти растаниҳои муҳими шаҳддор, аз ҷумла намудҳои лӯбиёгиҳо, себарга, эспарсет ва офтобпараст, инчунин истифодаи самараноки заминҳои каммаҳсули минтақаҳои наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ мувофиқи мақсад мебошад.
4. Барои баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ зарур аст, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба аҳамияти экологӣ ва иқтисодии растаниҳои шаҳддор тавассути муассисаҳои таълимӣ, воситаҳои ахбори омма ва барномаҳои экологӣ тақвият дода шаванд.
5. Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда метавонанд, ҳамчун заминаи илмӣ барои таҳияи барномаҳои рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ, тартиб додани харитаи захираҳои растаниҳои шаҳддор, банақшагирии истифодаи устувори захираҳои биологӣ ва анҷом додани таҳқиқоти минбаъдаи ботаникӣ, экологӣ ва мониторингӣ истифода шаванд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи « Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо» дар ҳаҷми 149

саҳифа таҳия гардида, аз муқаддима, 5 боб, 11 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода аз 22 ҷадвал ва 24 расм инъикос гардидаанд, ки мазмун ва натиҷаҳои илмии таҳқиқотро ба таври возеҳ шарҳ медиҳанд. Феҳристи адабиёти истифодашуда 158 номгӯй манбаи илмиро дар бар гирифта, аз истифодаи васеи адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои марбут ба мавзуи таҳқиқот шаҳодат медиҳад. Сохтори диссертатсия пайдарпай ва мантиқан дуруст таҳия гардида, мазмуни бобҳо ва зербобҳо ба ҳалли вазифаҳои таҳқиқот ва ноил гардидан ба ҳадафи асосии диссертатсия пурра мувофиқ мебошад.

Дар муқаддима аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети омӯзиш, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалии кор ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок карда шудаанд.

**Дар боби якум** «Ҳолати омӯзиши захираҳои растаниҳои шаҳддиҳанда» муаллиф дар асоси таҳлили шумораи зиёди адабиёти ватанию хориҷӣ муфассал чунин масъалаҳо, ба монанди: гуногунии биологии растаниҳои шаҳддиҳанда ва аҳамияти экологию иқтисодии онҳо, захираи растаниҳои шаҳддиҳанда ва ҳосилнокии шаҳди онҳо ва алоқамандии ҳаёти занбӯри асал дар минтақаи Кӯлоб мавриди баррасӣ қарор додааст.

**Боби дуюми диссертатсия** ба тавсифи шароити физикӣ-ҷуғрофии минтақаи Кӯлоб, хусусиятҳои набототи шаҳддори он, инчунин объект ва усулҳои таҳқиқот бахшида шудааст. Муаллиф мавқеи ҷуғрофӣ, шароити иқлимӣ ва омилҳои табииеро, ки ба паҳншавӣ ва ташаккули растаниҳои шаҳддор таъсир мерасонанд, таҳлил намуда, хусусиятҳои набототи шаҳддори худрӯй ва киштшавандаи минтақаро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар боб нишон дода шудааст, ки минтақаи Кӯлоб дорои захираи бойи растаниҳои шаҳддор буда, онҳо дар рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ, нигоҳдории гуногунии биологӣ ва фаъолияти экосистемаҳо аҳамияти калон доранд. Ҳамзамон, хусусиятҳои паҳншавӣ ва истифодаи амалии ин гурӯҳи растаниҳо дар шароити гуногуни табиӣ таҳлил гардидааст.

Инчунин, дар зербоби 2.3 доир ба объект, мавод ва усулҳои таҳқиқот маълумоти муфассал оварда шудааст. Таҳқиқот дар солҳои 2018–2021 дар ҳамаи ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб гузаронида шуда, зимни он усулҳои хатсайрӣ, ботаникӣ, геоботаникӣ, картографӣ, мушоҳидаҳои саҳроӣ ва таҳлили оморӣ истифода гардидаанд. Истифодаи усулҳои муосири таҳқиқот ва технологияҳои харитасозӣ ба эътимоднокии натиҷаҳои илмии бадастомада мусоидат намудааст.

**Боби сеюми диссертатсия** ба арзёбии захираи растаниҳои шаҳддиҳандаи минтақаи Кӯлоб бахшида шуда, дар он таркиби намудӣ, хусусиятҳои биоэкологӣ, ноҳиябандӣ ва маҳсулнокии баъзе растаниҳои

ояндадори шаҳдор мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф таркиби флораи растаниҳои шаҳдори минтақа, қонуниятҳои паҳншавии онҳо ва таъсири омилҳои табиӣ ва антропогениро ба ҳолати захираҳои биологӣ мавриди омӯзиш қарор додааст.

Дар зербобҳои боб натиҷаҳои таҳлили таркиби намудӣ, шаклҳои ҳаётӣ, хусусиятҳои фенологӣ ва экологии растаниҳои шаҳдор, инчунин ноҳиябандии захираи онҳо дар минтақа пешниҳод гардидаанд. Муаллиф вобастагии паҳншавии растаниҳои шаҳдорро аз шароити экологию иқлимӣ муайян намуда, хусусиятҳои биологии намудҳои асосии дорои аҳамияти хоҷагидорӣ ва занбӯриасалпарвариро таҳлил кардааст.

Ҳамзамон, дар ин боб ба таснифи баъзе растаниҳои ояндадори шаҳдор ва арзёбии маҳсулнокии онҳо диққати махсус дода шуда, аҳамияти онҳо ҳамчун манбаи асосии ҷамъоварии шаҳд ва рушди соҳаи занбӯриасалпарварии минтақа аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст. Маводи пешниҳодшуда мазмуни илмии диссертатсияро ғанӣ гардонида, арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқотро боз ҳам тақвият мебахшад.

**Боби чоруми диссертатсия** ба масъалаҳои ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираи растаниҳои шаҳдори минтақаи Кӯлоб бахшида шудааст. Дар зербоби 4.1 муаллиф роҳҳои барқарорсозӣ ва истифодаи устувори захираи растаниҳои шаҳдорро таҳлил намуда, таъсири омилҳои табиӣ ва антропогениро ба ҳолати онҳо арзёбӣ кардааст. Қайд гардидааст, ки фаъолияти хоҷагидории инсон, истифодаи нодурусти захираҳои табиӣ ва тағйирёбии шароити экологӣ ба коҳиш ёфтани гуногунии намудҳо ва захираи растаниҳои шаҳдор таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар зербоби 4.2 масъалаҳои ҳифзи гуногунии биологии растаниҳои шаҳдор ва ташкили низоми устувори идоракунии истифодаи онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф зарурати истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, роҳандозии мониторинги экологӣ, коҳиш додани таъсири омилҳои антропогенӣ ва татбиқи тадбирҳои илмӣ асоснокро барои нигоҳдорӣ ва барқарорсозии захираи растаниҳои шаҳдор таъкид намудааст.

Ҳамзамон, дар ин боб аҳамияти хоҷагидорӣ ва экологии гурӯҳҳои гуногуни растаниҳои шаҳдор, аз ҷумла растаниҳои хӯроки чорво, техникӣ, доруӣ ва хушбӯй мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки истифодаи оқилонаи ин захираҳо метавонад барои рушди устувори соҳаи занбӯриасалпарварӣ, ҳифзи гуногунии биологӣ ва беҳтар намудани вазъи экологии минтақа заминаи мусоид фароҳам оварад.

**Боби панҷуми диссертатсия** ба таҳлил ва баррасии ҳамаҷонибаи натиҷаҳои асосии таҳқиқот бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф натиҷаҳои омӯзиши таркиби намудӣ, хусусиятҳои биоэкологӣ, паҳншавӣ ва захираи растаниҳои шаҳдори минтақаи Кӯлобро ҷамъбаст намуда, аҳамияти онҳо барои рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ ва ҳифзи гуногунии биологиро асоснок кардааст.

Дар натиҷаи таҳлил муайян гардидааст, ки намояндагони оилаҳои лӯбиёгиҳо ва лабгулҳо дар байни растаниҳои шаҳддори минтақа мавқеи асосиро ишғол намуда, пойгоҳи муҳими ҷамъоварии шаҳдро ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, хусусиятҳои фенологии растаниҳои шаҳддор, минтақаҳои асосии паҳншавии онҳо ва нақши онҳо дар нигоҳдории мувозинати экологӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф инчунин зарурати ҳифз ва истифодаи оқилонаи намудҳои нодир, аз ҷумла растаниҳои ба Китоби Сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшударо таъкид намуда, онҳоро ҳамчун яке аз самтҳои муҳими рушди устувори соҳаи занбӯриасалпарварӣ арзёбӣ кардааст.

Хулосаҳои диссертатсия аз 7 банд иборат буда, дар онҳо вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузоштешуда пурра ҷамъбаст гардида, натиҷаҳои асосии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии онҳо инъикос ёфтаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба таркиби намудӣ, хусусиятҳои биоэкологӣ, паҳншавӣ ва захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб барои такмили донишҳои илмӣ дар самти ботаника, геоботаника, экология ва истифодаи устувори захираҳои биологӣ аҳамияти назариявии муҳим доранд. Маълумотҳои бадастомада оид ба гуногунии растаниҳои шаҳддори худрӯй ва киштшаванда метавонанд барои омӯзиши минбаъдаи флораи Тоҷикистон, арзёбии захираҳои биологӣ ва таҳияи харитаҳои геоботаникӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф метавонанд дар хоҷагиҳои занбӯриасалпарварӣ, муассисаҳои ҳифзи табиат ва сохторҳои соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати истифодаи самараноки захираи растаниҳои шаҳддор, баланд бардоштани маҳсулнокии занбӯриасалпарварӣ ва ҳифзи гуногунии биологӣ татбиқ карда шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин метавонанд дар таҳияи барномаҳои рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ ва идоракунии устувори захираҳои табиӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Маводи диссертатсия дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла ҳангоми омӯзиши фанҳои ботаника, экология, геоботаника, биологияи растаниҳо, истифодаи устувори захираҳои табиӣ ва рушди устувор, инчунин ҳангоми иҷрои корҳои илмии донишҷӯён, магистрантон ва докторантон метавонад васеъ истифода шавад.

Аҳамияти иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқот дар имконияти истифодаи натиҷаҳои он барои рушди соҳаи занбӯриасалпарварӣ, афзоиши истеҳсоли асали аз ҷиҳати экологӣ тоза, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии аҳолии деҳот, баланд бардоштани маърифати экологӣ ва таъмини ҳифзи гуногунии биологии минтақа зоҳир мегардад. Татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот метавонад барои истифодаи самараноки захираҳои растаниҳои шаҳддор, рушди иқтисоди сабз ва таъмини рушди устувори минтақаи Кӯлоб заминаи мусоид фароҳам оварад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф як қатор корҳои илмӣ анҷом дода, натиҷаҳои асосии таҳқиқотро дар нашрияҳои илмӣ ба табъ расонидааст. Аз ҷумла, натиҷаҳои диссертатсия дар 11 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст.

Ин нишондиҳандаҳо аз сатҳи баланди коркарди илмӣ, навоварии натиҷаҳо ва эътирофи онҳо дар муҳити илмии ватанӣ шаҳодат медиҳанд. Нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба баланд гардидани арзиши илмии таҳқиқот ва густариши истифодаи амалии натиҷаҳои он мусоидат менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.**

Диссертатсияи пешниҳодшуда аз ҷиҳати барасмиятдарорӣ ва тартиби таҳия ба талаботи муқarrargardidai Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад. Сохтори кор, тарзи пешниҳоди мавод, тартиби ҷойгиркунии бобҳо, зербобҳо, ҷадвалҳо, расмҳо ва рӯйхати адабиёт ба меъёрҳои амалкунанда ҷавобгӯ буда, талаботи илмӣ ва техникӣ дар он риоя гардидааст.

Автореферати диссертатсия, ки мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад. Мазмун, сохтор ва тарзи пешниҳоди маълумот дар автореферат бо диссертатсия мутобиқ буда, натиҷаҳои асосии таҳқиқотро дақиқ ва возеҳ инъикос менамоянд.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи « Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо» баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар кор сатҳи кофӣ возеҳ аҳамияти коҳиши шумораи намудҳо ва таъсири омилҳои антропогенӣ нишон дода шудааст. Бо вуҷуди ин, пешниҳод мешавад, ки тавсифи миқдории тағйирот барои минтақаи Кӯлоб (динамика, масоҳати паҳншавӣ, тамоюлҳо) муфассалтар оварда шавад, ки ин метавонад далелнокии хулосаҳои илмиро тақвият бахшад.
2. Дар матни диссертатсия истилоҳҳои гуногун («нектароносӣ», «нектарофар», «растаниҳои асалдор») истифода шудаанд. Мақсаднок мебуд, ки маънои онҳо дақиқтар муайян ё истилоҳот барои якхелагӣ ва возеҳи илмии кор муттаҳид карда шаванд.
3. Усулҳои таҳқиқоти тавсифшуда дар маҷмӯъ ба вазифаҳои гузошташуда мувофиқат мекунанд. Бо вуҷуди ин, зарур аст, ки тартиби баҳодиҳии миқдории захираи растаниҳои шаҳддор ва ҳосилнокии асал,

инчунин усулҳои ҳисоббарории истифодашуда муфассалтар шарҳ дода шаванд.

4. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонистанд бо роҳи муқоиса бо корҳои шабеҳ дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон ё ҳудудҳои ҳамсоя тақвият дода шаванд, ки ин имкон медод хусусиятҳои хоси минтақаи таҳқиқшаванда пурратар арзёбӣ гарданд.

5. Тавсияҳои амалии пешниҳодшуда дар маҷмӯъ мантиқан аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеоянд, аммо дар баъзе ҳолатҳо робитаи онҳо метавонад боз ҳам равшантар ва асосноктар шарҳ дода шавад.

**Хулосаи умумӣ.**

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда дар маҷмуъ аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи пешниҳодшударо коҳиш намедиҳанд ва ба муҳтавои умумии кори илмӣ таъсири ҷиддии манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Мирзозода Сулаймон Мадислом дар мавзуи «Захираи растаниҳои шаҳддори минтақаи Кӯлоб, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023 №295) тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат мекунад.

Муаллифи диссертатсия сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060718 – Ботаника мебошад.

**Муқаризи расмӣ:**
доктори илмҳои биология (аз рӯйи ихтисоси
03.02.01 -Ботаника), профессор, профессори
кафедраи ботаника ва экологияи Донишгоҳи
давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев **Мамадризохонов А.А.**

**Имзои Мамадризохонов А.А.-ро**
**Тасдиқ менамоям:** СРКК ва КМ ДДХ ба
номи М. Назаршоев **Саидраҳмонов Н.С.**

**Суроға:** 736000. Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Хоруғ, кӯчаи Шириншо Шотемур 109.
Тел +992 91 948 75-91.
**E-mail:** akbar63@mail.ru

**3. 08. 2026.**